Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №147 (4887) | ҶУМЪА, 6 ДЕКАБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





# СУДЯҲО БОЯД БА САВГАНДИ ХУД СОДИҚ БОШАНД

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти судии кишвар

**5 декабри соли 2024, шаҳри Душанбе**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Дар ибтидо ҳамаи шуморо ба муносибати ифтитоҳи бинои нави Суди Олӣ, ки дар он беҳтарин шароиту имкониятҳои корӣ фароҳам оварда шудаанд, табрик мегӯям.

Чанд рӯз пештар мардуми кишвар яке аз санаҳои таърихӣ - 30-юмин солгарди қабули нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлолро таҷлил намуданд.

Истиқлоли давлатӣ ҳамчун бузургтарин дастоварди мардуми шарифи Тоҷикистон ва Конститутсия ҳамчун санади тақдирсози ҳаёти халқи тоҷик арзишҳое мебошанд, ки бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд. Ин арзишҳо роҳи ояндаи дурахшони кишвар ва мақсаду мароми мардуми он - барпо кардани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоиро муайян ва ҳамвор сохтанд.

Тибқи Конститутсия ҳокимияти судӣ яке аз рукнҳои муҳими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад. Ҳокимияти судӣ риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳоро кафолат дода, фаъолияти он ба таъмин намудани қонуният ва адолати иҷтимоӣ равона шудааст. Яъне, Конститутсия ва қонунҳо танҳо ба суд ваколат додаанд, ки инсонро аз озодӣ маҳрум созад, гунаҳкорӣ ва бегуноҳии шахсро муқаррар намояд, ҳаёт, қадру номус, моликият ва дигар ҳуқуқҳои инсон, манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳоро ҳифз карда, волоияти қонун ва адолати иҷтимоиро таъмин намояд. Тибқи меъёрҳои Конститутсия нақш ва мавқеи ҳокимияти судӣ дар пешрафти ҷомеа хеле муҳим мебошад.

Меъёрҳои Конститутсия кафили воқеии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ ва дар маҷмӯъ, нишонаи муҳимтарини ҷомеаи адолатпарвар, демократияю ҳуқуқбунёд ва дунявию иҷтимоӣ мебошанд.

Бо назардошти он ки адолати судӣ яке аз воситаҳои асосӣ ва боэътимоди ҳалли баҳсҳо ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, судяҳо вазифадоранд, ки фаъолияти худро танҳо дар асоси Конститутсия ва қонунҳо ба роҳ монанд. Онҳо вазифадоранд, ки ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ мустақилу беғараз бошанд ва қарорҳои судиро танҳо дар доираи талаботи қонун қабул намоянд.

**Судяҳои муҳтарам!**

Бо дарназардошти мақом ва нақши ҳокимияти судӣ, то имрӯз барои таъмин намудани мустақилияти судҳо иқдомоти назаррас амалӣ карда шудаанд.

Қабул ва амалӣ намудани чор барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ, такмили қонунгузории моддӣ ва мурофиавӣ, афзоиши ҳарсолаи маблағгузории мақомоти судӣ, баланд бардоштани маоши судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо аз ҷумлаи иқдомоти зикршуда мебошанд. Ҳамчунин, дар самти таъминоти моддиву техникии судҳо ва бо бинову таҷҳизоти муосир таъмин намудани онҳо то имрӯз хеле корҳои назаррас анҷом дода шуданд. Бояд ёдовар шуд, ки ҳокимияти судӣ ва рушди он самараи истиқлоли давлатӣ ва яке аз дастовардҳои он ба ҳисоб меравад. Ҳанӯз 10-уми марти соли 1992 бо вуҷуди шароити ниҳоят ҳассосу душвор бо қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳои иқтисодӣ таъсис дода шуданд.

Баъдан, барои амалӣ гардонидани адолати судӣ дар Қувваҳои Мусаллаҳ соли 1993 Коллегияи ҳарбии Суди Олӣ ва моҳи июни соли 1994 судҳои ҳарбии гарнизонҳо таъсис дода шуданд, ки пешрафти муҳим дар низоми судии кишвар маҳсуб меёбанд.

Бо қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол принсипу меъёрҳои ҳокимияти судӣ муқаррар ва тартиби фаъолияти онҳо мушаххас гардид. Дар ҳамин асос, соли 1995 ҷиҳати рушду такмили фаъолияти мақомоти судӣ шаш қонуни конститутсионӣ қабул карда шуд. Қонунҳои зикршуда фаъолияти судҳои кишвар ва низоми судии мамлакатро мукаммал гардониданд.

Баъд аз қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14-уми апрели соли 1997 «Дар бораи баъзе чораҳои таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ» масъалаҳои беҳсозии шароити моддиву техникии судҳо давра ба давра ҳаллу фасл карда шуданд.

Дар ин раванд, 6-уми августи соли 2001 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, меъёрҳои ҳуқуқии соҳа мукаммал ва сохтори судии кишвар такмил дода шуд. Соли 2014 ин қонуни конститутсионӣ дар таҳрири нав қабул гардид ва он ҳоло фаъолияти судҳои умумиро танзим мекунад.

Бо мақсади таҳкими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ 22-юми июни соли 2003 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки як қатор меъёрҳои онҳо ба таҳкиму такмили минбаъдаи ҳокимияти судӣ равона гардида буданд. Аз ҷумла, муҳлати ваколати судяҳо аз 5 ба 10 сол боло бурда шуд.

Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати дастгирӣ ва таҳкими фаъолияти ҳокимияти судӣ воҳидҳои иловагии корӣ ҷудо гардида, шумораи кормандони соҳа 252 воҳиди корӣ – 116 судя ва 136 корманди дастгоҳи судҳо зиёд карда шуд.

Дар ин раванд, ба масъалаи ҷалби васеи занону бонувон ва баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ дар низоми ҳокимияти судӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуда, шумораи судяҳо аз ҳисоби занон зиёд гардид.

Имрӯз дар низоми ҳокимияти судии мамлакат аз 385 судя 97 нафари онҳо занон мебошанд, ки дар вазифаҳои раиси суд, муовини раис, раиси коллегияи судӣ ва судя фаъолият дошта, дар таъмини адолати судӣ саҳми назаррас гузошта истодаанд.

Натиҷаи ҷамъбасти фаъолияти судҳо дар солҳои 2020-2023 ва нуҳ моҳи соли 2024 нишон медиҳад, ки ба судҳои кишвар дар ин давра беш аз 732 ҳазор парванда ва дархосту пешниҳод ворид гардидааст.

Чунонки борҳо таъкид кардаам, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ яке аз роҳҳои муассири пешгирӣ кардани қонунвайронкуниҳо мебошад. Ҳадафи асосии «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 низ аз ҳамин иборат буд.

Сиёсати давлат дар ин самт дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла фармони Президент ва қарорҳои Ҳукумати мамлакат, инчунин, «Барномаи таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Тоҷикистон барои солҳои 2020 - 2030» амалӣ карда мешавад.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

# ФАРМОНИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
### ДАР БОРАИ ТАЪИНИ ИНТИХОБОТИ ДАЪВАТИ НАВИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МАҶЛИСҲОИ МАҲАЛЛИИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚ



Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва моддаи 23 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» **фармон медиҳам:**

1. Интихоботи даъвати нави вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо 2 марти соли 2025 таъин карда шавад.
2. Интихоботи даъвати нави аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 марти соли 2025 таъин карда шавад.
3. Ба инобат гирифта шавад, ки интихоботи вакилони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» 2 марти соли 2025 гузаронида мешавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 4 декабри соли 2024, №882**

# СУҲБАТИ ТЕЛЕФОНӢ



**Чоруми декабри соли 2024 суҳбати телефонии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиев баргузор гардид.**

Зимни суҳбат натиҷаҳои ҳамоиши COP-29, масъалаҳои алоҳидаи муносибатҳои дуҷониба, инчунин, дар заминаи раёсатиояндаи Тоҷикистон дар ИДМ масоили ҳамкорӣ дар доираи ин созмон баррасӣ шуд.

Пешвои миллат ба натиҷаҳои саммити бомуваффақияти COP-29 дар Боку баҳои баланд дода, натиҷаҳои онро барои пешбурди минбаъдаи рӯзномаи ҷаҳонии иқлим хеле муҳим арзёбӣ карданд.

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ ДУШАНБЕ

**5-уми декабри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои бунёди бинои нави Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт санги асос гузоштанд.**



Зимни шиносоии лоиҳа ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иншооти нави Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 бинои 3 ва 16-ошёнаву таҳхона иборат буда, дорои 12 маҷлисгоҳи барҳаво, толор бо 500 ҷойи нишаст ва ошхона бо 160 ҷойи нишаст пешбинӣ гардидааст.

Бинои нав дар асоси нақшаи генералии шаҳри Душанбе дар масоҳати 9 ҳазору 145 метри мураббаъ сохта шуда, саҳни он мутобиқ ба талаботи лоиҳавӣ зебою назаррабо гардонида мешавад.

Дар иншооти бунёдшаванда 15 раёсат ва 36 шуъбаи кумитаи мазкур ҷойгир гашта, дар он 360 корманд фаъолият хоҳанд кард. Дар ин бино 6 лифти замонавӣ низ насб карда мешавад.

Ба ғайр аз ҳуҷраҳои барҳавои корӣ бо шароити замонавӣ дар таҳхонаи бино барои 230 мошин таваққуфгоҳи зеризаминӣ бунёд мегардад.

Дар бинои нави Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ба андозсупорандагон мутобиқ ба талаботи замони муосир ва беҳтар намудани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз имкониятҳо фароҳам хоҳад шуд. Лоиҳаи мазкур бо назардошти талаботи меъморӣ ва шаҳрсозии муосир амалӣ мегардад. Дар иншоот унсурҳое ҷой дода мешавад, ки ифодагари таъриху фарҳанги ибратомӯзи мардуми тоҷик буда, шукуфоӣ, субот ва пешрафти Тоҷикистонро дар даврони соҳибистиқлолии кишвар инъикос хоҳад кард.

**5-уми декабри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ бинои нави хуштарҳу замонавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба истифода доданд.**

Иншоот дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолият барои кормандони мақомоти судӣ бунёд гардида, дорои шароити пешрафтаи кору хизматрасонӣ мебошад.



Бинои Суди Олӣ аз 15 ошёна иборат буда, сохтмони он аз ҷониби Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо харҷи қариб 185 миллион сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ бо сифати баланд ва бо риояи меъёрҳои сохтмонӣ анҷом дода шудааст.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бинои нави Суди Олӣ дорои 171 ҳуҷраи корӣ, маҷлисгоҳ бо 400 ҷойи нишаст, 8 толори муҳокимаи судӣ, бойгонии парвандаҳои судӣ, ҳуҷраҳои қабули шаҳрвандон, ҷойи нигоҳдории судшавандаҳо, толор барои конфронсҳои матбуотӣ, китобхонаи анъанавӣ ва электронӣ, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон буда, ҳамаи ҳуҷраҳо тибқи стандартҳои матлуб ҷиҳозонида шудааст. Дар таҳхонаи бино таваққуфгоҳ барои 25 воситаи нақлиёт мавҷуд аст.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ҶАШНИИ ДУШАНБЕ





**(Идома аз саҳ. 1)**

Ороиши зоҳирии иншоот бо истифода аз тахтасангҳои хоро ва мармар сурат гирифта, намои бино бо истифода аз унсурҳои миллию санъати баланди меъмории муосир ва бо услуби хоси нақшунигори тоҷикӣ зиннат дода шудааст. Хуҷраҳо, толорҳои маҷлисгузоронӣ ва пештолорҳо бо нақшунигори миллӣ, шишабандӣ ва бо сангҳои табиӣ оро ёфтааст. Барои ороиши дохили бино кандакориҳои гачӣ, панелҳо аз навъи чӯбҳои қиматбаҳо ва рангҳои аълосифат истифода карда шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо имкониятҳои бинои нав ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, иншоотро туҳфаи арзандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандони мақомоти судии кишвар ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон номиданд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз бинои нави Суди Олӣ зикр карданд, ки бо истифода аз шароити фароҳамовардашуда кормандони мақомот вазифадоранд, ки ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ба таври бояду шояд ҳифз карда, волоияти қонунро таъмин намоянд.

Қомат афрохтани бинои наву замонавии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар яке аз кӯчаҳои марказии пойтахти кишвар ба зебоии бештари шаҳри Душанбе мусоидат карда, идомаи мантиқии татбиқи амалии сиёсати бунёдкоронаи роҳбарияти олии сиёсии Тоҷикистон ва шаҳрдории пойтахт мебошад.

Зикр бояд кард, ки бинои пештараи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар кӯчаи Неъмат Қарабоев, дар солҳои 1970 ҳамчун толори фарҳангӣ ба истифода дода шуда, ба талаботи фаъолияти мақомоти судӣ чандон ҷавобгӯ набуд. Норасоии ҳуҷраҳои корӣ, толорҳои муҳокимаи судӣ ва маҷлисгоҳу дигар иншоот сабаб шуд, ки бо ҳидояту роҳнамоиҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони бинои нави Суди Олӣ рӯи даст гирифта шавад. Ин иқдоми Пешвои миллат аз ҷониби кормандони мақомоти судии кишвар пазироии самимӣ пайдо кард.

Бояд гуфт, ки аз тарафи Ҳукумати кишвар бобати таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ тавассути зиёд кардани воҳидҳои кории судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо, афзоиши маблағгузории мақомоти судӣ, таъмини судҳо бо биною таҷҳизоти муосир ва ғайра пайваста тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд.

Дар умум, таъмини шароити зарурии моддию техникӣ, бахусус бо биною таҷҳизоти муосир таъмин кардани судҳои шаҳру ноҳияҳо, мавриди таваҷҷуҳи хос қарор дорад.

Маҳз бо ташаббусҳои бевосита ва дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақомоти судӣ дар қатори дигар соҳаҳои кишвар солҳои охир рушд ва такмил меёбад.

Дар ин давра барои боз ҳам беҳтар гардонидани шароити корӣ як қисми биноҳои судҳо бо тарҳи зебои меъмориву ороишоти миллӣ сохта шуда, бо тамоми таҷҳизоти муосир таъмин шуд. Биноҳои нав бо назардошти шумораи умумии кормандон, толорҳои зарурӣ барои гузаронидани ҷаласаҳои судӣ, ҳуҷраҳои кории дорои шароити зарурӣ ва ҳайати хизматрасон омода мегардад.

Бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои 2000-2024 дар 14 шаҳру ноҳияи ҷумҳурӣ биноҳои судҳо аз нав сохта ва ба истифода дода шуд.

Беҳдошти вазъи иҷтимоии судяҳо, хусусан бо манзили истиқоматии хизматӣ таъмин карданду давра ба давра зиёд намудани музди кори онҳо яке аз омилҳои таҳкими ҳокимияти судӣ мебошад. Тайи солҳои 2000-2024 бо таваҷҷуҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ 80 корманди мақомоти судии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои кишвар бо манзилҳои истиқоматии хизматӣ ва қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин гардиданд.

**5-уми декабри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз ифтитоҳи бинои Суди Олӣ бо кормандони мақомоти судии кишвар мулоқот намуданд.**

Дар вохӯрӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди мақомоти судӣ, иқдомоти роҳбарияти давлат барои қабулу амалӣ сохтани барномаи ислоҳоти судию ҳуқуқӣ, такмили қонунгузории моддию мурофиавӣ ва беҳдошти вазъи иҷтимоии кормандони соҳа бо таҳлилҳо андешаронӣ намуданд.

Зикр гардид, ки бо қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол принсипу меъёрҳои ҳокимияти судӣ муқаррар ва тартиби фаъолияти онҳо мушаххас гардид.

Таъкид карда шуд, ки тибқи Конститутсия ҳокимияти судӣ яке аз рукнҳои муҳими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии мо буда, нақшу мавқеи он дар пешрафти ҷомеа хеле муҳим аст.

«Дар ҳамин асос, соли 1995 барои рушду такмили фаъолияти мақомоти судӣ шаш қонуни конститутсионӣ қабул карда шуд. Қонунҳои зикршуда фаъолияти судҳои кишвар ва низоми судии кишварро мукаммал гардониданд», - изҳор доштанд Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти яке аз воситаҳои асосӣ ва боэътимоди ҳалли баҳсҳо ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд будани адолати судӣ судяҳоро вазифадор намуданд, ки фаъолияти худро танҳо дар асоси Конститутсия ва қонунҳо ба роҳ монанд.

Гуфта шуд, ки судяҳо вазифадоранд, ҳангоми ба амал баровардани адолати судӣ мустақилу беғараз бошанд ва қарорҳои судиро танҳо дар доираи талаботи қонун қабул намоянд.

Таъкид гардид, ки масъалаҳои беҳсозии шароити моддию техникии судҳо баъд аз қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 апрели соли 1997 «Дар бораи баъзе чораҳои таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ» давра ба давра ҳаллу фасл карда шуд.

«Дар ин раванд, 6 августи соли 2001 Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, меъёрҳои ҳуқуқии соҳа мукаммал ва сохтори судии кишвар такмил дода шуд», - изҳор доштанд Роҳбари давлат.

Ба андешаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирӣ ва таҳкими фаъолияти ҳокимияти судӣ воҳидҳои иловагии корӣ ҷудо намуд, ки дар натиҷа шумораи кормандони соҳа 252 воҳиди корӣ - 116 судя ва 136 корманди дастгоҳи судҳо зиёд карда шуд.

Зикр гардид, ки дар ин раванд, ба масъалаи ҷалби васеи бонувон ба фаъолияти ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа дар низоми ҳокимияти судӣ низ шумораи судяҳо аз ҳисоби онҳо зиёд шуд. Имрӯз дар низоми ҳокимияти судии кишвар аз 385 судя 97 нафари онҳо занон мебошанд, ки дар вазифаҳои раиси суд, муовини раис, раиси коллегияи судӣ ва судя фаъолият дошта, дар таъмини адолати судӣ саҳми назаррас гузошта истодаанд.

Масъалаи дигаре, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи кормандони соҳаро ба он ҷалб намуданд, ин вазъи воридоти парванда ва дархосту пешниҳод мебошад.

Президенти кишвар таъкид доштанд, ки санадҳои судӣ аз номи давлат бароварда мешаванд ва онҳо бояд ба талаботи қонунгузорӣ мутобиқат намуда, барои барқарор гардидани адолати иҷтимоӣ равона карда шаванд.

Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, фаъолияти кормандони мақомоти судиро таҳлил намуда, барои ислоҳи камбудиҳо дар кори онҳо, аз ҷумла риояи муҳлати баррасии парвандаҳо, сари вақт ба тарафҳо супоридани санадҳои судӣ ва ғайра дар назди судяҳо вазифаҳои мушаххас гузоштанд.

Ба шахсони масъули соҳа супориш дода шуд, ки ба масъалаҳои ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии онҳо, инчунин, андешидани чораҳои қатъӣ барои пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Вобаста ба ин, зарур шуморида шуд, ки судяҳо ва кормандони мақомоти судӣ мунтазам аз курсҳои бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва забономӯзӣ гузаронида шаванд.

Роҳбарияти мақомоти судӣ, ҳамчунин, вазифадор гардиданд, ки барои пешгирии ҷиноятқорӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон баргузории чорабиниҳоро бо роҳи гузаронидани мурофиаҳои судии сайёр, суҳбату вохӯриҳо ва истифода аз воситаҳои ахбори омма зиёд намоянд.

Дар фароварди сухан Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки судяҳо бояд ҳангоми иҷрои вазифа дар ҳама ҳолат ба савганди худ содиқ бошанд, шаъну шарафи судягиро нигоҳ доранд, ваколатҳояшонро бо масъулияти баланд анҷом диҳанд ва ба мардум содиқонаю беғаразона хизмат намоянд.

**5-уми декабри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои Муассисаи давлатии «Филармонияи давлатии Тоҷикистон»-ро баъди навсозӣ ба истифода доданд.**



Бинои Муассисаи давлатии «Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев» бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таъмир бароварда шуда, дар он барои кору эҷоди аҳли ҳунар имкониятҳои мутобиқ ба талабот фароҳам гардидааст.

Иттилоъ дода шуд, ки дар рафти корҳои сохтмонӣ даҳлезҳо, толори барҳавои муассиса бо 989 ҷойи нишаст, 10 ҳуҷраи пардозгарӣ ва ёрирасон аз таъмир бароварда шуд.

Дар толори консертӣ дастгоҳҳои тақвияти овоз, чароғҳои нави ранга ва монитори калон насб гардидааст. Дар маҷмӯъ, дар толор барои баргузории чорабиниҳои сатҳи баланди ҳунарӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Боми бино иваз ва намои берунии он навсозӣ гардидааст. Фавворaҳо барқарор шуда, саҳни бино бо гулу буттаҳои ороишию сояафкан оро ёфтааст.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулини Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба истифодаи босамар аз имконияти фароҳамовардаи Ҳукумати кишвар, эҷоди оҳангу сурудҳои баландмазмун, ҷалби ҷавонони соҳибистеъдод ба кор, талқини худшиносӣ ва маънавиёти баланд дар ниҳоди шаҳрвандон ҳидоят намуданд.

Дар даромадгоҳи муассиса дастовардҳои сохторҳои зертобеи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намоиш гузошта шуда буд.

Толори консертӣ ва роҳраву ҳуҷраҳои кории Филармонияи давлатии Тоҷикистон таъмирталаб шуда, барои гузаронидани чорабиниҳои сатҳи баланди фарҳангӣ ҷавобгӯ набуд. Сиёсати фарҳангпарваронаи Ҳукумати кишвар имкон фароҳам овард, ки аҳли ҳунар барои кору эҷод аз имконияти замонавӣ баҳравар шаванд. Ин туҳфаи навбатии Роҳбари давлат ҳавасмандии ҳунармандонро барои эҷоди асарҳои нав, аз ҷумла суруду оҳангҳои ҷаззоб, афзун мегардонад.

Зимни боздид аз намоиш Роҳбари давлат таъкид намуданд, ки ҳунармандон бояд бо истеъдоди фавқулодаю сурудҳои баландмазмун дар баланд бардоштани маънавиёти шаҳрвандон ва муаррифии фарҳангу тамаддуни волои тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ саҳмгузор бошанд.

Ҳамзамон, дар толори барҳаво аз ҷониби аҳли ҳунар барномаи рангини консертӣ манзури ҳозирин гардонида шуд, ки таҷассумгари дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ, рушди фарҳанги миллӣ ва тамаддуни ғании тоҷикӣ буд.

**5-уми декабри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бинои нави прокуратураи ноҳияи Сино ва Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷиноятқорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди истифода қарор доданд.**



Ин иншоот, ки тарҳи муосир ва шароити мусоиди корӣ доранд, ба ташаккули самтҳои фаъолият дар мақомоти прокуратураи кишвар заминаи муассир мегузорад.

Бинои нави прокуратураи ноҳияи Сино дорои 38 ҳуҷраи муҷаҳҳаз бо лавозимоти соҳавӣ буда, истифода аз ин имконот ба таъмини ҳар чӣ бештари шароити корӣ мусоидат менамояд. Маҷлисгоҳ бо 130 ҷойи нишаст, китобхона, толори машқу тамрин, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон раванди фаъолияти ин ниҳоди назоратиро мукаммал мегардонад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо ин имконоти фароҳамшуда масъулинро дар самти пешгирии қонуншиканиҳо, аз ҷумла терроризму экстремизм ва таъмини волоияти қонун бо роҳи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон вазифадор намуданд.

Сипас, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо раванди фаъолият дар Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷиноятқорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон шинос шуданд.

Таъсиси донишкада маҳсули тадбирҳои саривақтии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, дар омода намудани кадрҳои баландихтисос, лаёқатманд ва аз лиҳози ҳуқуқӣ рушдёфта нақши муассир дорад.

Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷиноятқорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 толор, 17 ҳуҷраи корӣ, синфхонаҳои компютерӣ, китобхона ва дигар инфрасохтори мукаммал дорад, ки ба ташаккули дониши ҳуқуқӣ ва тақвияти маҳорати касбии кормандон мусоидат менамояд.

Тибқи талабот дар донишкада курсҳои кӯтоҳмуддати бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон аз рӯйи ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ, фаъолияти судӣ, прокурорӣ ва муфаттишӣ ба роҳ монда шуда, ҳар сол зиёда аз 600 корманди мақомоти прокуратура метавонанд дар доираи барномаҳои таълимӣ дониш ва малакаи касбии худро такмил диҳанд. Таълим аз ҷониби 17 омӯзгори соҳибтахассус сурат мегирад, ки дар ин ниҳоди назоратӣ собиқаи зиёди корӣ доранд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин барои омӯзиши амиқи донишҳои соҳавӣ ба кормандон ва истифодаи имкониятҳои мавҷуда дар самти такмили таҷриба ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дастуру ҳидоятҳо доданд.

**5-уми декабри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо корҳои анҷомёфта дар ободонию навсозии хиёбони Исмоили Сомонии пойтахт ва пули мошингард дар болои дарёи Душанбе шинос шуданд.**

Иттилоъ дода шуд, ки корҳои навсозӣ дар ин ҷо дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2020 оғоз гардида, бо тарҳи муосир ва сифати баланд ба анҷом расонида шуд.

Бояд гуфт, ки пули мазкур то замони соҳибистиқлолӣ сохта шуда, бо мурури замон ду шафати он ба таъмиру навсозӣ ниёз пайдо карда буд. Барои таъмини устуворӣ дар иншоот нахуст аз ду канори пули мошингузар сутунпояҳои бетонӣ бунёд шуда, сипас болои он бо панҷараҳои мунаққаши оҳанӣ бо риояи унсурҳои меъмории миллию ҷаҳонӣ оро дода шудааст.

Дар ороиши конструксияҳои металлии пули мазкур масолеҳи баландсифат истифода гардидааст, ки барои солиёни дароз хизмат намудани он мусоидат менамояд.

Бо мақсади сабзкорӣ ва хуррамгардонӣ дар атрофи пули мазкур дарахтони сояафкан ва гулу буттаҳо шинонида шудааст, ки зебоии ин мавзеъро дучанд менамояд. Инчунин, дар доираи лоиҳаи мазкур аз хиёбони Исмоили Сомонӣ то буриши хиёбони Сино, ки масофааш 3 км аст, бо истифодаи таҷҳизоти равшанидиҳандаи каммасрафи барқӣ корҳои равшанинамоӣ дар сатҳи баланд ба анҷом расонида шудааст. Махсусан, шабона ҳангоми гузаштан аз болои пули мазкур манзараи зебои ҷолиб ба назар мерасад, ки таваҷҷуҳи ҳар як сокину меҳмони шаҳри Душанберо ба худ мекашад.

Дар рафти ороиши пули мошингузар, ки аз ду канори роҳ 6 қисмро ташкил медиҳад, бо истифода аз конструксияҳои оҳанӣ 15 нуқтаи идоракунӣ сохта шуда, ба дарозии 473 метр панҷараҳои оҳанини дорои тарҳу услуби муосир насб гардидааст. Баландии ороишоти конструксионӣ дар қисмҳои алоҳида аз 16 то 21 метрро ташкил медиҳад.

Лоиҳаи шаклдиҳии пули мазкур бо назардошти бехатарии ҳаракат дар роҳ таҳия шуда, роҳҳои пиёдагарди ду ҷониби он ҳам навсозӣ шудааст, ки барои рафтуомади пиёдагардон бехатар аст. Дар корҳои навсозию ободонии ин пул ва хиёбони Исмоили Сомонӣ 100 мутахассиси ватанию хориҷӣ фаъолият намуданд.

Мавриди зикри хос аст, ки тӯли ҳафт соли охир дар шаҳри Душанбе сохтмон ва барқарор намудани 6 пул, 2 эстакадаи сесатҳа ба анҷом расида, ба масофаи зиёда аз 160 километр роҳҳои мошингард бунёду навсозӣ шудааст. Дар доираи нақшаи генералии шаҳри Душанбе лоиҳаи сохтмони боз 9 роҳи дусатҳаи дигар ба нақша гирифта шудааст, ки пас аз сохта ба истифода додани онҳо, ҳаракати воситаҳои нақлиёт муътадил гардида, сарборӣ кам карда мешавад.

Зимни боздид аз корҳои анҷомёфта дар болои пули мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба завқу маҳорати бинокорон баҳои баланд дода, таъкид намуданд, ки корҳои ободонию созандагӣ дар доираи омодагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамаҷониба ривоҷ дода шавад.

**www.prezident.tj**

# СУДЯҲО БОЯД БА САВГАНДИ ХУД СОДИҚ БОШАНД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомоти судии кишвар**

**5 декабри соли 2024, шаҳри Душанбе**

**(Идома аз саҳ. 1)**

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мусаллам аст, ки санадҳои судӣ аз номи давлат бароварда мешаванд ва онҳо бояд ба талаботи қонунгузорӣ мутобиқат намуда, барои барқарор гардидани адолати иҷтимоӣ равона карда шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди тадриҷан беҳтар гардидани кори судҳо дар фаъолияти онҳо ҳанӯз камбудиву норасоиҳо, аз ҷумла риояи нагардидани мӯҳлати баррасии парвандаҳо, сари вақт ба тарафҳо насупоридани санадҳои судӣ, бекоршавии санадҳои судӣ ва беэҳтиромӣ нисбат ба шаҳрвандон ба назар мерасанд.

Баъзе судяҳо дар вақти баррасии парвандаҳо беаҳамиятӣ зоҳир намуда, ба далелҳо баҳои дурусти ҳуқуқӣ намедиҳанд ва ҳолатҳои барои парванда аҳамиятдоштаро ҳаматарафа намесанҷанд. Чунин тарзи муносибат боиси татбиқи нодурусти қонунҳо, қабули санадҳои ғайриқонунӣ ва дар ниҳоят, бекор шудани қарорҳои қабулкардаи онҳо мегардад.

Бо ҳамин сабаб дар зарфи солҳои 2020-2023 ва нуҳ моҳи соли 2024 аз ҷониби судҳои болоӣ беш аз 1700 қарори судҳои поёнӣ бекор гардидааст. Инчунин, тибқи маълумот қариб 1400 ҳолати риоя нагардидани мӯҳлати баррасии парвандаҳо ба қайд гирифта шудааст. Дар давраи зикршуда аз ҷониби Суди Олӣ 2320 муроҷиати шаҳрвандон доир ба кирдори судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо баррасӣ гардидааст.

Қисми зиёди муроҷиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ, ки ба Дастгоҳи иҷроияи Президент ворид мешаванд, шикоят аз амалҳои судяҳо, кашолкорӣ дар баррасии парвандаҳо ва норозигӣ нисбат ба санадҳои судӣ мебошанд.

Солҳои 2020-2023 ва даҳ моҳи соли 2024 ба Дастгоҳи иҷроияи Президент доир ба ин ҳолатҳо 4332 муроҷиат ворид гардидааст.

Баъзан шаҳрвандон бинобар ҳал нашудани масъалаҳояшон ба яктарафа баррасӣ гардидани даъвои онҳо такрор ба такрор муроҷиат мекунанд. Ҳамчунин, таъкид месозам, ки ҳолатҳои ба ҳуқуқвайронкунӣ, бахусус, ба кирдорҳои ҷиноятӣ даст задани баъзе судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо ҳоло ҳам ҷой доранд, ки чунин вазъ моро ба нигарониву ташвиши ҷиддӣ овардааст.

Дар даҳ соли охир, яъне аз соли 2014 то соли 2024 нисбат ба 107 нафар, аз ҷумла 45 нафар судяҳо, муовинон ва раисони судҳои шаҳру ноҳияҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз ва аз тафтиш карда шуда, бо ҳукми суд ба муҳлатҳои гуногун аз озодӣ маҳрум ва аз сафи мақомоти судӣ хориҷ гардидаанд.

Ҷиноятҳои содиршуда, асосан, дорои хусусияти коррупсионӣ, аз ҷумла қаллобӣ, баромадан аз ҳадди ваколатҳои хизматӣ, ришвагирӣ, баровардани ҳукми ноодилона аз ҷониби судяҳо ва кормандони мақомоти судӣ мебошанд. Боиси нигаронист, ки содиршавии ҷиноят аз ҷониби кормандони мақомоти судӣ сол то сол зиёд шуда истодааст. Дар 10 моҳи соли 2024-ум 26 ҷиноят нисбат ба 16 нафар ба қайд гирифта шудааст.

Бори дигар таъкид менамоям, ки аз ҷониби судҳо зимни татбиқи адолати судӣ ба камбудиву қонунвайронкуниҳо, аз ҷумла қабули санадҳои ғайриқонунӣ, кашолкорӣ ва беасос дар ҷараёни баррасии парвандаҳо, назорат накардан ба иҷрои санадҳои судӣ ва камбудиҳои дигар роҳ дода мешавад. Масалан, дар давраи соли гузашта ва нуҳ моҳи соли ҷорӣ дар миқёси кишвар 1008 санади судӣ бо парвандаҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла 709 санад бо эътирози прокурорҳо ва 299 санад бо шикояти кассатсионии назоратии маҳкумшудагон, ҷабрдидагон ва намояндагони онҳо бекор ва тағйир дода шудааст.

Шумо тасаввур мекунед, ки чунин рафтори баъзе судяҳо боиси чӣ қадар сарсону саргардон шудани маҳкумшудагону ҷабрдидагон ва аҳли оилаи онҳо, инчунин, сарфи беҳудаи вақт гардидааст?

Дар соли 2023 бо эътирози кассатсионии прокурорҳо 11 ҳукми ғайриқонунии судӣ бинобар таъин гардидани ҷазои сабук бекор гардидааст.

Чунин ҳолатҳо низ ҷой доранд, ки аз ҷониби судҳои марҳалаҳои кассатсиониву назоратии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе эътирози прокурорҳо беасос рад карда шуда, санадҳои баръало ғайриқонунии судҳо бетағйир гузошта мешаванд. Ҳамчунин, дар баъзе мавридҳо судяҳо парвандаҳои ҷиноятиро беасос ба тафтиши иловагӣ бармегардонанд.

Дар ҳолатҳои алоҳида хунукназарии судяҳо дар ҷараёни барасмиятдарории санадҳои судӣ боиси ғайриимкон гардидани истирдоди ҷинояткорон шудааст.

Аз ҷониби судҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои маданӣ ва маъмурӣ низ ба камбудиву қонунвайронкуниҳо, аз ҷумла беасос эътироф кардани ҳуқуқи моликият ба сохтмонҳои худсарона, аз ҳисоботи оморӣ пинҳон намудани чунин парвандаҳо, кам кардани ҳаҷми ҷарима ва монанди инҳо роҳ дода мешавад. Ҳолатҳои баръало ғайриқонунӣ қабул кардани санадҳои судӣ аз рӯйи чунин парвандаҳо ҷой доранд.

Дар фаъолияти кормандони мақомоти судӣ боз як рафтори нигаронкунанда мушоҳида мегардад. Баъзе судяҳо аз пешниҳод кардани маълумот доир ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба кормандони Прокуратураи генералӣ ҳамчун мақоми назоратӣ сарпечӣ мекунанд, ки чунин ҳолат хилофи қонун ва ташвишовар мебошад.

Дар натиҷаи чунин рафтори судяҳо аксари қарорҳои ғайриқонунии онҳо дар ин самт танҳо аз рӯйи маводи пешниҳодкардаи мақомоти корҳои дохилӣ ошкор гардида, ба чунин санадҳо 59 эътирози назоратӣ оварда, 49 эътироз баррасӣ ва қонеъ карда шудааст.

Ҳолатҳои зиёде ҷой доранд, ки барои содир кардани ҷиноятҳои мухталиф нисбат ба шахсони гунаҳкор дар баробари ҷазои асосӣ, инчунин, ҷазои иловагӣ дар намуди мусодираи молу мулк таъин карда мешавад. Ҳатто аз лаҳзаи ба ҳабс гирифтани шахси гумонбар ба содир кардани ҷиноят барои пинҳон накардани молу мулки бо роҳи ҷиноят бадастоварда аз ҷониби ӯ ба молу мулк ҳабс гузошта мешавад.

Тибқи талаботи қонунгузорӣ, молу мулки дар ҳабс қарордошта ё бо ҳукми суд мусодирагардида то супоридан ба моликияти давлат бояд таҳти муҳофизат ва нигоҳдорӣ қарор дода шавад. Аммо то қабули қарори ниҳоии суд ва баъд аз қабули қарор молу мулки мусодирашуда аз ҷониби шахсони алоҳида бо маслиҳати пешакӣ тасарруф гардида, бо таҷҳизоти фарсудаву корношоям иваз карда мешавад. Дар натиҷа, истифодаи молу мулки мусодирашуда ғайриимкон гардида, барқарорсозии он аз буҷети давлат маблағи зиёдро талаб мекунад.

Бинобар ин, мақомоти судӣ, прокуратура, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияро зарур аст, ки назоратро дар ин самт пурзӯр намуда, барои ҳифзу нигоҳдории молу мулки мусодирашуда тадбирҳои зарурӣ андешанд.

Такроран таъкид месозам, ки пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо дар фаъолияти судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи роҳбарияти мақомоти судӣ ба ҳисоб меравад.

Зарур аст, ки ба масъалаҳои ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии онҳо, инчунин, андешидани чораҳои қатъӣ ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда эътибори аввалиндараҷа дода шавад. Онҳо вазифадоранд, ки корҳои таъсирбахши пешгирикунандаро мунтазам амалӣ намуда, мақомотро аз шахсони тасодуфӣ, ки ба шаъну эътибори мақомоти судӣ иснод меоваранд, тоза намоянд.

Аз ҷониби роҳбарияти мақомоти судӣ ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо шахсияти онҳо бояд ҳаматарафа мавриди омӯзиш қарор дода шавад ва дар баробари донишу таҷриба, инчунин, одобу ахлоқ ва масъулиятшиносии онҳо низ санҷида ва ба эътибор гирифта шавад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки судяҳо ва кормандони мақомоти судӣ мунтазам аз курсҳои бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва забономӯзӣ гузаронида шаванд. Дар баробари ин, ҳалли масъалаҳои ташкилӣ, яъне фароҳам овардани шароити зарурии моддиву техникӣ, аз ҷумла бо биною таҷҳизоти муосир таъмин намудани судҳо, беҳдошти вазъи иҷтимоӣ ва зиндагии судяҳо яке аз омилҳои таҳкими ҳокимияти судӣ мебошад.

Дар солҳои охир ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти самараноки судҳо биноӣ маъмурии судҳои як қатор шаҳру ноҳияҳо аз нав бунёд гардиданд.

Аз ҷумла, биноӣ судҳои шаҳру ноҳияҳои Роғун, Шаҳристон, Шамсиддин Шоҳин, Данғара, Кӯшониён, Нуробод, Тоҷикобод, Сангвор, Варзоб, Дарвоз, Ванҷ, Шуғнон, Балҷувон, Восеъ ва Кӯҳистони Мастчоҳ аз нав сохта, биноӣ судҳои дигар шаҳру ноҳияҳо таъмири асосӣ гардида, бо таҷҳизоту шароити муосир таъмин карда шуданд.

Биноӣ нави Суди Олӣ, ки имрӯз ифтитоҳ гардид, аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ бунёд карда шуд. Ҳамчунин, ҳоло сохтмони биноӣ суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе идома дорад.

Дар рӯзҳои ҷашни Истиқлоли давлатӣ бунёди суди вилояти Суғд иборат аз 7 ошёна, ки дар он суди вилоят, суди иқтисодии вилоят ва суди ҳарбии гарнизони Хуҷанд ҷойгир мешаванд, оғоз гардид.

Ҳукумати мамлакат маоши судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳоро давра ба давра баланд бардошта истодааст. Аз ҷумла, андозаи маоши онҳо солҳои 2008-2010 ҳар сол 40-фоизӣ, соли 2011-ум 100 фоиз, солҳои минбаъда борҳо аз 15 то 30 фоиз ва аз 1-уми июли соли ҷорӣ маоши судяҳо 100 фоиз ва кормандони дастгоҳи судҳо 40 фоиз зиёд карда шуд.

**Муҳтарам кормандони мақомоти судӣ!**

Ҷомеаи имрӯза аз ҳар як корманди мақомоти давлатӣ, бахусус, аз судҳо ва кормандони судҳо риояву иҷрои ҳатмии қонунҳо, маърифату дониш ва сатҳи баланди касбият, инчунин, одобу ахлоқи намунавӣ, беғаразӣ ва поквиҷдониро талаб менамояд.

Аз ин лиҳоз, судяҳо бояд ҳангоми иҷрои вазифа дар ҳама ҳолат ба савганди худ содиқ бошанд, шаъну шарафи судягиро нигоҳ доранд, ваколатҳояшонро бо масъулияти баланд анҷом диҳанд ва ба халқ содиқонаву беғаразона хизмат кунанд.

Дар натиҷаи зиёдшавии шумораи аҳолӣ ва рушди устувору босуботи соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа шумораи парвандаҳои судӣ низ сол ба сол зиёд шуда, ин ҳолат боиси афзоиши сарбории судяҳо гардида истодааст. Лекин ин ҳолат набояд барои бесифат ва бо вайрон намудани муҳлатҳои бо қонун муқарраршуда баррасӣ кардани парвандаҳо асос гардад.

Роҳбарияти мақомоти судиро зарур аст, ки барои таъмин гардидани баррасии саривақтии парвандаҳо ва қабули қарорҳои қонуниву асоснок тадбирҳои иловагӣ андешанд. Тадбирҳои андешидашаванда бояд барои ҳар чӣ зудтар бартараф намудани камбудиву норасоиҳои дар фаъолияти судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо ҷойдошта ва муҳимтар аз ҳама, ба таъмин гардидани адолати судӣ мусоидат намоянд. Роҳбарияти мақомоти судиро, ҳамчунин, зарур аст, ки барои пешгирӣ кардани ҷиноятқорӣ ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон баргузории чорабиниҳоро бо роҳи гузаронидани мурофиаҳои судии сайёр, суҳбату вохӯриҳо ва истифода аз воситаҳои ахбори омма зиёд намоянд.

Бахусус, пешгирӣ кардани қонуншиканиҳо дар самти танзими ҷашну маросим ва масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак тақозо менамояд, ки судяҳо ҳар чӣ бештар фаҳмонидани мазмуну муҳтавои қонунҳоро дар байни аҳолӣ ба роҳ монанд. Ба мардум фаҳмонидани меъёрҳои Конститутсия ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ яке аз вазифаҳои муҳими кормандони мақомоти судӣ дар раванди баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мебошад. Илова бар ин, баррасии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар фаъолияти мақомоти судӣ тақвият дода шуда, иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва ҳалли саривақтии муроҷиати шаҳрвандон бояд таъмин карда шавад. Бовар дорам, ки роҳбарият ва кормандони мақомоти судӣ аз норасоиҳои зикршуда хулосаҳои зарурӣ бароварда, ҳар чӣ зудтар онҳоро ислоҳу бартараф месозанд.

Ҳар яки шумо вазифадор ҳастед, ки фаъолияти худро дар доираи қонун ва ба хотири волоияти қонун ба роҳ монда, дар таъмини қонуният, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд ва амалӣ намудани адолати судӣ саҳми арзишманд гузоред.

Дар охир ба ҳамаи шумо – судяҳо ва кормандони мақомоти судии кишвар саломатӣ ва барори кор мехоҳам.

**Саломат бошед!**

# МУҲОКИМАИ ПАРЛУМОНӢ

## ОИД БА ИҶРОИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024» ДАР 9 МОҲИ СОЛИ 2024

**Сеюми декабри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода муҳокимаи парламентӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» дар 9 моҳи соли 2024 баргузор шуд, ки дар он ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқӣ Завқизода, директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилмурод Давлатзода, муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Каъбатулло Меликзода, муовини якуми сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Турсунзода, муовини директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Сулаймон Талбакзода, муовини раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзалӣ Аҳмадзода иштирок карданд.**





Нахуст, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода доир ба рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» дар 9 моҳи соли 2024 маълумот дод. Бино ба гуфти ӯ, ҳаҷми номиналии маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷумҳурӣ дар моҳҳои январ - сентябри соли ҷорӣ ба 102,6 млрд. сомонӣ ва суръати рушди воқеии он ба 8,4 фоиз баробар гардидааст. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар тамоми соҳаҳо таъмин гардида, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба нуҳ моҳи соли гузашта 15,3 фоиз, кишоварзӣ - 11,4, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ - 7, хизматрасониҳои пулакӣ - 16, мусофиркашонӣ - 19 ва гардиши савдо 12,0 фоиз афзоиш ёфтааст. Дар давраи мавриди назар гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ ба 6 миллиарду 454,7 млн. доллари амрикоӣ баробар гардид, ки дар сохтори гардиши савдои хориҷӣ ҳиссаи содирот 21,7 фоиз ё 1407,2 млн. доллари амрикоӣ ва ҳиссаи воридот 78,1 фоиз ё 5047,5 млн. доллари амрикоиро ташкил медиҳад. Сатҳи таваррум дар ин давра 3 фоизро ташкил дод, ки он ба нишондиҳандаҳои тасдиқшудаи макроиқтисодӣ ҷавобгӯ аст.

Тавре Сурайё Дӯстмуродзода иброз дошт, дар ин давра аксари нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусбат арзёбӣ гардида, нақшаи даромади умумии буҷети давлатӣ дар нуҳ моҳи соли 2024-ум 105,4 фоиз таъмин шудааст, ки он 33,3 млрд. сомониро ташкил медиҳад. Иҷрои нақшаи даромади дохилӣ аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи 104,3 фоиз таъмин гардида, ба буҷет 15,0 млрд. сомонӣ ворид шуд, ки 45 фоизи даромади умумии буҷетро ташкил медиҳад. Дар давраи мазкур иҷрои нақшаи даромади буҷети ҷумҳуриявӣ 105,9 фоиз таъмин гардида, маблағи он 16,1 млрд. сомониро ташкил дод. Ин нисбат ба нақша 899,1 млн. сомонӣ ва дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 2 млрд. 37 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар 9 моҳи соли ҷорӣ аз ҳисоби Хадамоти гумрук нақша 101,9 фоиз таъмин ва ба буҷет 7,1 млрд. сомонӣ ворид шудааст. Воридоти маблағ нисбат ба нақша зиёда аз 134 млн. сомонӣ ва дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2023-юм 375,8 млн. сомониро ташкил медиҳад. Омилҳои асосии барзиёд иҷро гардидани нақшаи пардохтҳои гумрукӣ ба амалӣ намудани чорабиниҳои такмили низоми маъмурикунонии гумрукӣ, аз қабили назорати дуруст муайян намудани арзиши гумрукии моли воридотӣ, таъмини сифатнокии барасмиятдарории гумрукӣ ва иқтисодӣ арзёбӣ гардид. Нақшаи даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андози иҷтимоии корхонаҳои ғайрибуҷетӣ 104,4 фоиз таъмин гардида, воридоти маблағ 1,9 млрд. сомониро ташкил дод. Инчунин, ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби ташкилотҳои буҷетӣ 1,5 млрд. сомонӣ ворид шудааст.

Вазири молияи кишвар Файзиддин Қаҳҳорзода изҳор дошт, ки новобаста аз шароити мураккаби сиёсию иқтисодии ҷаҳон рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат, аз ҷумла иҷрои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ тибқи афзалияте, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муайян шудаанд, таъмин гардид. Дар давраи мавриди назар бо мақсади танзими буҷети давлатӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2024 нақшаи қисми даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ бе тағйир додани касри он 1140,0 млн. сомонӣ зиёд карда шуд. Дар доираи тағйироти мазкур ва мусбат ҷамъбаст гардидани аксари нишондиҳандаҳои рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ дар 9 моҳи соли ҷорӣ 105,4 фоиз таъмин шуда, ба буҷет 33,3 млрд. сомонӣ ворид гардид.

Дар доираи татбиқи 87 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ 5,3 млрд. сомонӣ ё баробар ба 102,9 фоизи нақшаи пешбинишуда маблағ аз худ гардидааст, ки он 3,8 млрд. сомонӣ ё 72,0 фоиз грант ва 1,5 млрд. сомонӣ ё 28,0 фоиз қарз мебошад.

Нақшаи воридоти маблағ ба суратҳисоби махсуси ташкилотҳои буҷетӣ аз ҳисоби хизматрасониҳои пулакӣ 104,1 фоиз таъмин гардида, 2,4 млрд. сомониро ташкил дод.

Ин давра дар доираи ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ барои дастгирии буҷети давлатӣ аз Бонки осиёии рушд 50 млн. доллари амрикоӣ ва аз Иттиҳоди Аврупо 4 млн. евро ҷалб гардид ва нақшаи пешбинишуда таъмин гардид.

- Нақшаи қисми даромади буҷетҳои маҳаллӣ низ барзиёд - 106,7 фоиз иҷро гардида, воридоти маблағ 7,6 млрд. сомониро ташкил дод. - Иҷрои нақшаи буҷетҳои маҳаллӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 105,1, вилояти Хатлон - 102,4, вилояти Суғд - 103,4, шаҳри Душанбе - 111,2 ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 106,3 фоиз таъмин шудааст. Уҳдадориҳои андозиро шаҳру ноҳияҳои Гулистон 61 млн. сомонӣ, Мастчоҳ 17 млн. сомонӣ, Ёвон 43,8 млн. сомонӣ, Панҷакент 6,7 млн. сомонӣ, Дарвоз 1,7 млн. сомонӣ таъмин накардаанд, - зикр кард номбурда.

Зикр карда шуд, ки бақияпулиҳои андозӣ нисбат ба аввали соли ҷорӣ 345,9 млн. сомонӣ ё 42,9 фоиз афзоиш ёфта, ба 1,1 млрд. сомонӣ баробар гардид. Ҷиҳати кам намудани бақияпулиҳо ва минбаъд роҳ надодан ба зиёдшавии онҳо дар якҷо бо Кумитаи андоз ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тадбирҳои зарурӣ андешида истодаанд.

Бино ба гуфти Файзиддин Қаҳҳорзода, моҳҳои январ-сентябри соли ҷорӣ ба соҳаҳо 31,3 млрд. сомонӣ, аз ҳисоби буҷет 23,6 млрд. сомонӣ, маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ 2,3 млрд. сомонӣ ва аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 5,3 млрд. сомонӣ равона шуд. Дар умум, маблағгузорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 2,7 млрд. сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҷумла, ба соҳаҳои ҳокимият ва идоракунии давлатӣ 1,6 млрд. сомонӣ, мудофиа ва ҳифзи ҳуқуқ 3,6 млрд. сомонӣ, маориф 5,7 млрд. сомонӣ, тандурустӣ 2,6 млрд. сомонӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 4,1 млрд. сомонӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ 1,8 млрд. сомонӣ, фарҳанг ва варзиш 1,6 млрд. сомонӣ, комплекси сӯзишворию энергетикӣ 5,3 млрд. сомонӣ, кишоварзӣ 689,6 млн. сомонӣ, сохтмон ва саноат 208,7 млн. сомонӣ, нақлиёт ва коммуникатсия 2,1 млрд. сомонӣ ҷудо шудааст.

Бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии давлат, аз ҷумла пардохти музди меҳнати кормандони ташкилотҳои буҷетӣ 7,6 млрд. сомонӣ, дигар моддаҳои ҳимояшаванда, бахусус барои пардохти нафақа 3,2 млрд. сомонӣ, хизматрасонии коммуналӣ 346,3 млн. сомонӣ, ҷубронпулӣ ва кумакпулиҳо 591,1 млн. сомонӣ ва идрорпулиҳо 111,3 млн. сомонӣ равона гардид. Инчунин, бо мақсади пардохти саривақтии фонди музди меҳнат аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат мусоидати молиявӣ ба маблағи 1361,8 млн. сомонӣ ва тавассути ҳисоббаробаркуниҳо 322,1 млн. сомонӣ ҷудо шуд.

Бо мақсади хизматрасонии қарзи берунаи давлатӣ 207,2 млн. доллари амрикоӣ, аз он қарзи асосӣ 135,3 млн. доллари амрикоӣ ва фоизи қарз 71,9 млн. доллари амрикоӣ, пардохт гардид.

Дар баробари ин, ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳо аз рӯйи қарзи дохилии давлатӣ, аз ҷумла аз рӯйи коғазҳои қиматноки давлатӣ, векселҳои хазинадорӣ ва қарзи ҷалбгардидаи давлатӣ, 502 млн. сомонӣ пардохт шуд, ки аз он қарзи асосӣ 452,3 млн. сомонӣ ва фоизи қарз 49,7 млн. сомониро ташкил медиҳад.

Дар давраи зикршуда бо мақсади маблағгузории барномаҳои аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузоришаванда 72,5 млн. сомонӣ, аз ҷумла дар соҳаи маориф барои амалисозии 9 барномаи давлатӣ зиёда аз 11,3 млн. сомонӣ, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ -9 барнома - 28,8 млн. сомонӣ, фарҳанг - 9 барнома - 18,3 млн. сомонӣ ва дар самти ҷавонон, варзиш, сайёҳӣ ва занон - 6 барнома - 10,4 млн. сомонӣ ва 2 стратегия - 3,6 млн. сомонӣ маблағгузорӣ шуд.

Ҳамзамон, дар доираи «Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» 28,8 млн. сомонӣ, аз ҷумла барои касбомӯзии шаҳрвандон 8,7 млн. сомонӣ, кумакпулӣ ба имтиёздорон 17,7 млн. сомонӣ, корҳои ҷамъиятӣ ва сиёсати шуғл 2,3 млн. сомонӣ харҷ гардид.

Бино ба гуфти Файзиддин Қаҳҳорзода, бо амалӣ намудани як қатор тадбирҳо вобаста ба таъмини шаффофият дар татбиқи сиёсати молиявии кишвар, аз ҷумла нашри нишондидаҳандаҳои буҷети давлатӣ дар сомонаи расмии Хазинаи байналмилалии асъор ва сомонаи Вазорати молия, инчунин, татбиқи ислоҳоти соҳавӣ мақоми кишвар дар раддабандиҳои ҷаҳонӣ, хусусан индекси байналмилалии шаффофияти буҷет, тадриҷан беҳтар гардида, тибқи баҳогузории коршиносони мустақил дар соли ҷорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 33 холро соҳиб шуд, ки он нисбат ба баҳогузории солҳои қаблӣ ду маротиба болотар (баҳогузории соли 2021-ум 16 хол) мебошад.

Дар муҳокимаи парламентӣ вакилони Маҷлиси намояндагон Рустам Раҳматзода, Парвина Маликзод ва Мирзоанвар Ахмедов ибрози андеша ва рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2024» дар 9 моҳи соли 2024-ро қаноатбахш арзёбӣ карданд.

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода изҳор дошт, ки дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 31 октябри соли равон таҳти раёсати Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли 2024 ва вазифаҳо то охири соли 2024 баррасӣ шуданд.

- Таъмини иҷрои босифати буҷети давлатӣ дар соли 2024 аз ҷумлаи вазифаҳои гузошташуда мебошад. Ахбороти манзуршуда собит месозад, ки новобаста аз вазъи ноустувори сиёсиву молиявии ҷаҳонӣ ва мушкилиҳои ҷойдошта иҷрои нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ дар 9 моҳи соли равон таъмин гардидааст. Умедворем, ки иҷрои он то охири сол боз ҳам беҳтар хоҳад гашт, - таъкид кард Маҳмадтоир Зокирзода.

Дар фарҷом бо назардошти таклифу дархост ва пешниҳодҳои иброзгардида қарор ва тавсияҳои парлумонӣ қабул шуданд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

Ҳамоиши муҳим

# 60 СОЛИ ТАЛОШУ ҶУСТУҶӮ

**Маҳфили эҷодие, ки чанде пеш дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба муносибати 80-солагии нависандаи тоҷик Зариф Ғулом доир шуд, устодони назму наср ва ихлосмандони адабиётро ба ҳам овард. Аҳли нишаст ба роҳи тайкарда ва кулвори эҷодии нависанда назар карда, заҳматҳои ӯро босамар, асарҳои офаридаашро дар рушди адабиёт муҳим арзёбӣ намуданд.**



Зикр шуд, ки Зариф Ғулом нависандае мебошад, ки гармию сардиҳои зиёдро дидаю санҷида, инсонҳоро омӯхта, бо андешаи фароху нигоҳи тоза ба арсаи насри тоҷик қадам гузоштааст. Инак, наздики 60 сол мешавад, ки дар ин майдон бурдборона заҳмат мекашад. Барои мо - хонандагон асар менависад, қаҳрамонҳои дилнишин меофарад.

Муовини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Равшан Махсумзод, ки маҳфилро бо сухани шодбошӣ оғоз бахшид, гуфт, дар адабиёти муосири мо ду жанре мавҷуд аст, ки хеле кам инкишоф ёфтаю адибони мо камтар ба онҳо машғул мешаванд. Яке ҳаҷв, дигаре жанри детектив ё моҷаро мебошад. Дар ҷаҳон асарҳое, ки аз ҳама бештар хонанда доранд, асарҳои детективӣ маҳсуб меёбанд, аммо, мутаассифона, дар кишвари мо ҳамагӣ чанд нафаре дар ин жанр асар эҷод менамоянд, ки Зариф Ғулом яке аз онҳо мебошад.

Тавре зимни ҳамоиш таъкид шуд, муаллифони чунин асарҳои адабӣ бештар кормандони ботаҷрибаи соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва ё собиқадорони хизмат дар ин соҳа мебошанд, зеро бе донишу малакаи кор дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ ва бе огоҳӣ аз нозукиҳои кори тафтишоту ҷустуҷӯӣ дар ин жанр чизи ҷолиби диққат офаридан хеле мушкил аст.

- Ӯ, ки солҳои зиёд дар мақомоти судӣ ва дастгоҳи Вазорати адлияи ҷумҳурӣ кор кардааст, аз ин ҳама огоҳӣ дошта, асарҳояшро моҳирона ва шавқовар навиштааст, - афзуд Равшан Махсумзод.

Ҳикояҳои «Бедарак», «Капитани зебо», «Судяи ҷавон», «Котиби ҷамоат», «Чалаи гадо», «Шоҳиди асосӣ», «Хатои судӣ», «Ҳунарманди қаллоб»-и нависанда таҷрибаи кори муфаттишон ва ходимони раёсати фаврӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳодисаю воқеаҳои моҷароии шавқангезро дар бар гирифтаанд.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Кароматулло Мирзо хидматҳои Зариф Ғуломро барои адабиёти тоҷик мондагор арзёбӣ намуда, аз ҷумла гуфт, ки солҳост бо қаламу коғаз аст. Барои адабиёт асарҳои муассир навишта, ном пайдо кардааст, ки мондагор мебошанд. Имрӯз беш аз 20 китоби ӯ аз ҷониби хонандагон хуб пазируфта шудааст.

Дар хусуси осори моҷароии Зариф Ғулом, ҳамчунин, зикр шуд, ки нақди адабии мо ба ин ҷанба низ таъкид бояд кунад, ки агар дар детектив дар мақоми нахуст раванди кушодашавии як ҷиноят, дарёфтани риштаҳое, ки ба кушодани гиреҳҳои ҷиноят мебарад, муҳим бошад, дар осори моҷароии Зариф Ғулом ин ҷанба ба зинаи дуюм меравад. Муҳим шинохтани қаҳрамон, кушодани ҷаҳони ботинии ӯ ва дардҳою ормонҳо мебошад, ки аз ин нигоҳ офаридаҳои муаллиф миёни осори моҷароие, ки дар мо навишта шудаанд, бартарият дорад.

Нависанда Баҳманёр Муродӣ аз хисоли ҳамидаи устод ду ҷанба: яке ҳамеша дар ҷустуҷӯю такопӯ, дигаре маслиҳатпазир, нақдпазир буданро ёдовар шуд. «Устод ҳар маслиҳатеро, ки на танҳо аз ҷониби устодони наср ва мунаққидон ба эшон ироа мегардад, ҳатто маслиҳати хонандагону шогирдонашро низ мепазирад ва борҳо аз рӯи асараш кор мекунад. Натиҷаи ҳамин аст, ки осори устод барои ғановати насри даврони истиқлоли мо хидмати босазо арзёбӣ мешавад»,- илова намуд ӯ.

Зариф Ғулом дар мавриди таърихи гузаштаи мо низ чанд роман навиштааст, ки аз ҷониби хонандагон хуш пазируфта шудаанд. На танҳо барои адабиёт, балки барои матбуоти тоҷик хидмати арзанда кардааст. Хидматҳояш дар рушди матбуоти тоҷик бо Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ қадр шудаанд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзуи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 426243 | Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» | Хизматрасонии ба чоп расонидани штрих-кодҳои худчасп барои китобҳо бо навиштаҷоти «Китобхонаи миллии Тоҷикистон» барои Китобхонаи миллии Тоҷикистон. Коғази ламинатдори дурахшон (тобнок) 300гр, қабати часпанда-ширеши силикони тобовар ба чоп кардан бо ҳарорати 300С, чопи ранга дар принтерҳои махсус термопринтерҳо, андозаи 120x297мм, коғази А4 ( дар як дона коғази А4 40 дона нишони штрихкод ҷойгир мешавад) андозаи як нишони штрих-код (50x25мм) | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 09.1.2024 15:30:00 |
| 2 | 426244 | Муассисаи таълимии «Литсейи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи М.Д. Тошмуҳаммадов» | Молҳои хоҷагӣ | Озмуни кушод | Мол | 17 | 09.12.2024 15:50:25 |
| 3 | 426245 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ | Озмуни кушод | Мол | 48 | 09.12.2024 16:00:47 |
| 4 | 426258 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббӣ-санитарии ноҳияи Айнӣ» | Мебел | Озмуни кушод | Мол | 5 | 09.12.2024 17:51:51 |
| 5 | 426259 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббӣ-санитарии ноҳияи Айнӣ» | Таъмири ҳуҷраҳо ва сохтмони таваққуфгоҳ дар назди Муассисаи давлатии кумаки аввалияи тиббӣ - санитарии ноҳияи Айнӣ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 09.12-2024 17:51:51 |
| 6 | 426305 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии эндокринологӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии эндокринологӣ» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 12.12.2024 11:25:00 |
| 7 | 426247 | Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои раёсати Кумитаи бехатарии озуқаворӣ дар вилояти Хатлон | Озмуни кушод | Кор | 1 | 20.12.2024 16:30:00 |
| 8 | 426248 | Маҷмааи давлатии «Қасри миллат»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таҷҳизоти варзишӣ, кондитсионер, таҷҳизоти овоздиҳӣ, молҳои хоҷагидорӣ, либос ва пойафзолҳои махсуси корӣ | Озмуни кушод | Мол | 35 | 20.12.2024 16:30:09 |
| 9 | 426249 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони бинои маъмурии шуъбаи КҲФ ва МГ назди ҲҶТ дар шаҳри Роғун (хиштчинии девори беруна) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 20.12.2024 16:35:00 |
| 10 | 426250 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Гӯшти гов, гӯсфанд ва мурғ | Озмуни кушод | Мол | 3 | 20.12.2024 16:55:42 |
| 11 | 426246 | Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Роҳаткурсии идоравӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 20.12.2024 17:00:00 |
| 12 | 426253 | МД «Нигоҳдории партовҳои радиоактивӣ» | Масолеҳи сохтмонӣ, шинаҳои автомобилӣ ва аккумуляторҳо | Озмуни кушод | Мол | 17 | 20.12.2024 17:25:00 |
| 13 | 426255 | Муассисаи давлатии «Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносии ба номи А.Рӯдакӣ»-и шаҳри Панҷакент | Таъмири бинои Муассисаи давлатии «Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносии ба номи А.Рӯдакӣ»-и шаҳри Панҷакент | Озмуни кушод | Кор | 1 | 20.12.2024 17:40:00 |
| 14 | 426260 | Муассисаи давлатии «Осорхонаи ҷумҳуриявии таърихию кишваршиносии ба номи А.Рӯдакӣ»-и шаҳри Панҷакент | Нақлиёти мусофиркаш | Озмуни кушод | Мол | 1 | 20.12.2024 17:44:44 |
| 15 | 426261 | Муассисаи давлатии «Пойгоҳи бостоншиносии Панҷакенту Саразми Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» | Масолеҳи сохтмонӣ | Озмуни кушод | Мол | 7 | 20.12.2024 17:50:00 |
| 16 | 426254 | Дастгоҳи раиси ноҳияи Ванҷ | Бензини АИ-92 | Озмуни кушод | Мол | 1 | 20.12.2024 18:55:00 |
| 17 | 426264 | Муассисаи давлатии идораи хоҷагии роҳҳои автомобилгарди ВМКБ | Ранг барои нишонагузории роҳ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 20.12.2024 18:55:00 |
| 18 | 426292 | Маркази саратоншиносии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 6 | 23.12.2024 09:30:55 |
| 19 | 426294 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Парчамҳо, баннерҳо, ширеш ва степлер барои мебелҳо | Озмуни кушод | Мол | 13 | 23.12.2024 09:31:12 |
| 20 | 426289 | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон | Рафҳои оҳанӣ, механикӣ ҳаракаткунанда бо релсҳояш барои нигоҳдории китоб дар бойгонӣ | Озмуни кушод | Мол | 1 | 23.12.2024 10:00:00 |
| 21 | 426291 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №157»-и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 34 | 23.12.2024 10:05:13 |
| 22 | 426290 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ-кӯдакистони №95»-и ноҳияи Сино | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 27 | 23.12.2024 10:10:26 |
| 23 | 426298 | Мактаб - интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим дар ноҳияи Шаҳринав | Таъмири ҷории бинои мактаб ва хобгоҳ | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 10:15:00 |
| 24 | 426293 | Муассисаи давлатии телевизиони мусиқии Тоҷикистон «Шаҳнавоз» | Квадрокоптер, таҷҳизоти техникӣ, прожекторҳо ва мебел | Озмуни кушод | Мол | 13 | 23.12.2024 10:30:00 |
| 25 | 426296 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Насби чароғҳои кӯча, таъмири системаи (ВРФ), инчунин барҳам додан ва насби кондитсионерҳо | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 10:30:00 |
| 26 | 426299 | Раёсати моддию техникӣ, хӯрокворӣ ва таъминоти нақлиёти КҲФ ва МГ назди ҲҶТ | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ ва техникаҳои махсус | Озмуни кушод | Мол | 36 | 23.12.2024 10:30:00 |
| 27 | 426300 | Агентии обуҳавошиносӣ | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 23.12.2024 11:10:27 |
| 28 | 426297 | Шуъбаи Хадамоти давлатии оташнишонии минтақаи Кӯлоб | Масолеҳи сохтмонӣ, сӯзишворӣ, либосҳои ҳарбӣ ва техникаи оташнишонӣ | Озмуни кушод | Мол | 20 | 23.12.2024 11:12:42 |
| 29 | 426308 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душанбе» | Таъмири ҷории бинои МДТ «Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душанбе» | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 12:30:00 |
| 30 | 426309 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе» | Таъмири ҷории синфхонаҳои бинои муассиса | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 12:50:00 |
| 31 | 426310 | Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Автомашинаи сабукрав | Озмуни кушод | Мол | 1 | 23.12.2024 13:30:00 |
| 32 | 426311 | Маркази миллии солимии репродуктивӣ | Молҳои канселярӣ ва хоҷагидорӣ | Озмуни кушод | Мол | 35 | 23.12.2024 13:40:21 |
| 33 | 426313 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмир ва барқароркунии дастгоҳҳои тиббии МД «Маркази тиббӣ» | Озмуни кушод | Хизматрасонӣ | 1 | 23.12.2024 13:45:00 |
| 34 | 426314 | Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони бинои маъмурии Кумитаи идораи замин ва КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳи, вилояти Суғд | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 14:00:00 |
| 35 | 426312 | Муассисаҳои кумаки аввалияи тиббӣ- санитарии ноҳияи Нуробод | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 134 | 23.12.2024 14:38:40 |
| 36 | 426315 | Раёсати бозрасии давлатии автомобилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | Автомашинаи сабукрав ва эвакуатор | Озмуни кушод | Мол | 2 | 23.12.2024 14:50:34 |
| 37 | 426269 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи маркази шаҳри Исфара» | Идомаи корҳои таъмирӣ дар шуъбаи қабулгоҳи Беморхонаи маркази шаҳрии шаҳри Исфара | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 38 | 426270 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ»-и вилояти Суғд дар шаҳри Исфара | Таъмири намои бино ва корҳои ободонӣ дар саҳни Муассисаи давлатии «Беморхонаи касалиҳои рӯҳӣ»-и шаҳри Исфара | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 39 | 426271 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои таълимӣ барои 480 хонанда дар назди МТМУ №46-и деҳаи Тутки шаҳри Истаравшан (идомаи корҳои сохтмонии бинои толори варзишӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 40 | 426272 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои мактаб барои 320 хонанда дар шаҳраки Сайҳуни ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои оҳанубетонӣ ва хиштчинӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 41 | 426273 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии Қалъаи Хуҷанд дар шаҳри Хуҷанд» (идомаи корҳои сохтмонӣ: коркард ва иҷрои композитсияи бисёршаклаи махсусан мураккаб, мусаввараи дастгоҳи асари «Асри тиллоӣ») | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 42 | 426274 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Азнавбарқароркунии қалъа дар Муассисаи давлатии «Маҷмааи фарҳангию таърихии Қалъаи Хуҷанд дар шаҳри Хуҷанд» (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои ободонии ҳудуди бинои осорхона) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 43 | 426275 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони боғчаи бачагона барои 240 ҷой дар ҷамоати деҳоти Унҷии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (корҳои заминӣ, оҳанубетонӣ ва деворчинӣ аз хишт) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 44 | 426276 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ дар назди МТМУ №16 деҳаи Палдораки ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ (идомаи корҳои сохтмонӣ:сохтмони ҳоҷатхона, дегхона, ҳуҷраи ёрирасон, корҳои девори иҳотавии атрофи мактаб, корҳои ободонии атроф ва девори нигоҳдорӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 45 | 426277 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ дар назди МТМУ №8-уми шаҳраки Зафарободи ноҳияи Зафаробод (корҳои заминӣ ва оҳанубетонӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 46 | 426278 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои иловагӣ дар назди МТМУ №16-уми ноҳияи Зафаробод (идомаи корҳои сохтмонӣ: корҳои заминӣ, оҳанубетонӣ ва пардозӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 47 | 426279 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Обёрӣ ва азхудкунии заминҳои мавзеи Сомғор дар ноҳияи Б.Ғафуров (гузаронидани хати об дар маҳаллаи №16) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 48 | 426280 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Обёрӣ ва азхудкунии заминҳои мавзеи Сомғор дар ноҳияи Б.Ғафуров (васл кардани қубури оҳанин ва пластикии хати оби 1 то 6 қутрашон аз 141 мм то 426 мм дар боғи интенсивӣ) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 49 | 426281 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Лифт барои иншооти сохтмони бинои таълимӣ, факултети №4-и Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд | Озмуни кушод | Мол | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 50 | 426282 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Лифт барои иншооти сохтмони беморхона дар деҳаи Лоиқ Шералии шаҳри Панҷакент | Озмуни кушод | Мол | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 51 | 426283 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи касалиҳои сирояткунанда»-и шаҳри Хуҷанд | Молҳои хоҷагидорӣ ва электрикӣ | Озмуни кушод | Мол | 39 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 52 | 426284 | Раёсати Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании дар вилояти Суғд | Ангишт | Озмуни кушод | Мол | 1 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 53 | 426285 | Муассисаи таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №1-и ноҳияи Б. Ғафуров» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 31 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 54 | 426286 | Муассисаи таълими томактабии кӯдакистони №17-и ҷамоати Ғозиён | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 27 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 55 | 426287 | Беморхонаи марказии ноҳияи Бобоҷон Ғафуров | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни кушод | Мол | 59 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 56 | 426288 | Муассисаи таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №9-и шаҳри Конибодом» | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 28 | 23.12.2024 17:17:17 |
| 57 | 426266 | Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон | Азнавбарқароркунии системаи гармидиҳӣ дар Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон (идомаи корҳо) | Озмуни кушод | Кор | 1 | 23.12.2024 17:33:33 |
| 58 | 426267 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Ифтихорнома | Озмуни кушод | Мол | 1 | 23.12.2024 17:33:33 |
| 59 | 426265 | Раёсати тандурустии вилояти Суғд | Компютери фардӣ ва курсии корӣ | Озмуни кушод | Мол | 2 | 23.12.2024 17:38:40 |
| 60 | 426268 | Беморхонаи бемориҳои сирояткунандаи шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ | Озмуни кушод | Мол | 23 | 23.12.2024 17:40:35 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Назаршоев, хонаи 86/1, ба Исмоилов Суҳроб Солиҳович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хизматии №042-и гумшуда, ки онро МД «Маҷмааи Қасри миллати ДИП ҶТ» соли 2024 ба Исмоилова Идинисо Ёрмаҳмадовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи силсилаи Шерозӣ Авеню 53 оид ба иштироки шарикӣ дар бунёди хонаи истиқоматии баландошёна, ки 5 августи соли 2024 байни ҶДММ «ААА сохтмон» ва Сафарова Ҷамила Қаландаровна бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, буриши кӯчаҳои Р. Набиев, Н. Ганҷавӣ ва М. Назрибеков, ошёнаи 10, хонаи сеҳуҷрагӣ бо масоҳати 92,35$м^2$ баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор 23 октябри соли 2021 таҳти силсилаи НТ №0688407 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Ӯзбекистон, ба Раҳимов Шарифбек Маҳмадуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Муъминобод соли 2016 ба Маҳмудова Ҷонона Ҳасановна (санаи таваллуд -12 июни соли 1989) додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон соли 2021 ба Раҳмонов Билолиддин Алишерович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 26 ноябри соли 2015 таҳти рақами 22809, рақами электронии 45425 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Ӯзбекистон ба Раҷабов Ҳамидулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Сомонӣ, бинои 51, хонаи 28, ба Бобоҷонова Дилафрӯз Абдуваҳобовна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Гулистон, деҳаи Гулистон (ҳоло маҳаллаи Гулистони ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе) ба Ғоибов Розиқҷон Саидназарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Сомон, хонаи 1200, ба Охунов Сайқодир Султонович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Фирдавсӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Сомон, хонаи 1200, ба Охунов Сайқодир Султонович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи силсилаи Р РАК СВ5093692, ки онро Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Исломии Покистон 10 апрели соли 2023 ба Зубайр Соҳир Аҳмад Назир додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Сомонӣ, бинои 51, хонаи 28, ба Абдуллаева Замира Қобилҷоновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи силсилаи ВАТҶ №0001805 дар бораи азнавбақайдгирии давлатии иттиҳодияи ҷамъиятӣ, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 октябри соли 2021 таҳти рақами қайди ИҶ-1991 ба ташкилоти ҷамъиятии «Ҷуръат» додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва иқтибоси гумшуда аз феҳрасти ягонаи соҳибкорони инфиродӣ, ки онҳоро Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба Бобомуродов Аҳлиддин Имомалиевич додааст, эътибор надоранд.

✓ Дафтари гумшудаи хонадорӣ, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Сомонӣ, бинои 51, хонаи 28, ба Бобоҷонова Дилафрӯз Абдуваҳобовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшудаи силсилаи Т-АТА №0873224, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2019 ба Сафарова Робия Маҳмадраҷабовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшудаи силсилаи ДТО №0203677, ки онро Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соли 2017 бо ихтисоси «Астрономия» таҳти қайди 1247 ба Ташрипов Мирзохуҷа Махмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе 9 декабри соли 2020 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 15, хонаи 30, ба Салимов Ромиш Нусратуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шартномаи гумшудаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино 23 сентябри соли 2016 таҳти феҳрасти №1Ш-3514 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 15, хонаи 30, ба Салимов Ромиш Нусратуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Сино бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Маяковский, бинои 15, хонаи 30, ба Салимов Ромиш Нусратуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Сино ба Эшназаров Хуршед (РМА 045350962) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Канорӣ, хонаи 38, ба Мухидинов Содирхон Абдуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи ҳавлидорӣ таҳти №7610, ки онро КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и Корхонаи фаръии байниноҳиявии бақайдгирии техникӣ»-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Ҳосилот, хонаи 109а, ба Ҷемахматова Ҷамила додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи техникии ҳавлидории таҳти рақами инвентарии 9984, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 30 январи соли 2009 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, кӯчаи Гагарин, хонаи 13, ҳуҷраи 9, ба Салимова Насиба додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти феҳрасти №47134, қайди НТ №0210687, ки онро Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ҳисор 18 марти соли 2014 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, кӯчаи Гагарин, хонаи 13, ҳуҷраи 9, ба Салимова Насиба додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД -1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Саъдӣ Шерозӣ, бинои 11, хонаи 50, ба Неъматуллоев Аброр додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда, ки онро Донишкадаи тиҷорати Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон) соли 1996 ба Ғиёсов Сайёд Садриддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А № 0063027, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Варзоб 11 майи соли 2017 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Чорбоғ ба Шукуров Бобомелик додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшуда оид ба ҳуқуқи истифодаи замини дараҷаи А №0330780, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Варзоб 13 марти соли 2012 таҳти қайди №6948 бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати деҳоти Чорбоғ, деҳаи Чағатай, ба Насриддинова Холиса Раҷабовна додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати гумшудаи ҳуқуқи истифодаи замин, ки онро Кумитаи заминсозии ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Сарикиштӣ ба Нусратзода Тоҷиддин (ҳоло Ҳайбарзода Тоҷиддин Нусрат) додааст, эътибор надорад.

✓ Қарори гумшудаи раиси ноҳияи Рӯдакӣ оид ба ҷудо кардани қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба Нусратзода Тоҷиддин (ҳоло Ҳайбарзода Тоҷиддин Нусрат) бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Сарикиштӣ, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда барои амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе ба Сидиқова Сафро додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари хонадории гумшуда, ки онро ШВКД -1 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Саъдӣ Шерозӣ, бинои 13, хонаи 10, ба Табарова Оймнисо Сидиқовна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ҷамоати деҳоти Лоҳури ноҳияи Рӯдакӣ соли 1991 ба Гулмуродов Зиядулло Турдикулович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи гумшудаи шаҳрвандии №А01100341, ки онро ШВКД-1 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 2-юми ноябри соли 2017 ба Маҳкамов Фахриддин Қаҳрамонович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Асбобсоз» (РЯМ 0110021872, РМА 010097271), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур 20 майи соли 2016 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Филиали «Ванрун Ресурсес Холдингс ПТЕ, ЛТД» дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон (РЯМ 0120001530, РМА 010110041), ки онро Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур 24 сентябри соли 2024 ба қайди давлатӣ гирифтааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Садои мардум

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Бахтовар КАРИМЗОДА

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фархунда Абдулҳакимова*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ-16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238-53-71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238-53-56; муовин 238-54-52; котибот 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238-58-91; муҳаррири шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238-58-93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238-52-97; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238-54-57; хабарнигорон дар ВМКБ 93-355-51-03; вилояти Хатлон 919-67-88-78, 985-82-81-97; вилояти Суғд 92-773-28-76; ШНТҶ 000-03-03-80, 918-68-40-17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз чор саҳифа, бо шрифти 14, Times New Roman Tj, интервали 1,5 зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 6 декабри соли 2024, соати 10:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33035 нусха*

Навбатдори шумора Ш. Атобуллоев

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97